ШАРТҲОИ
ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ИҚДОМИ «КАЛИМА СОЗ»

1. ИСТИЛОҲҲО ВА ТАЪРИФҲО

• **Бонк / Ташкилотчӣ** – Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата».

• **Иқдом** – иқдоми ҳавасмандгардонандаи «Калима соз», ки аз ҷониби Ташкилотчӣ мутобиқи Шартҳои мазкур гузаронида мешавад.

• **Эсхата Онлайн** – замимабарномаи мобилии «Эсхата онлайн» (ҳамёни электронӣ), ки дар он Иқдом гузаронида мешавад.

• **Корт** – корти пардохтии дебетии амалкунандаи Бонк, ки ба номи Иштирокчӣ дода шудааст.

• **Иштирокчӣ** – муштарии Бонк – шахси воқеӣ, ки ба талаботи боби 2-и Шартҳои мазкур ҷавобгӯ мебошад.

• **Амалиёти ҳисобшаванда** – пардохт бо Корт, ки барои он ба Иштирокчӣ ҳарф дода мешавад (боби 3).

• **Калимаи бурднок** – калимаи **«ИСТИҚЛОЛ»**, ки ҳарфҳои онро Иштирокчӣ ҷамъ меоварад.

• **Давра** – қисми давраи гузаронидани Иқдом, ки аз рӯи натиҷаи он Ғолибон муайян карда мешаванд (боби 4).

• **Минтақа** – воҳиди ҳудудӣ барои муайян намудани Ғолибони Даврaҳо. Дар Иқдом 4 (чор) Минтақа мавҷуд аст: 1) Шаҳри Душанбе; 2) Вилояти Суғд; 3) Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ); 4) Вилояти Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ). Иштирокчӣ ба минтақае мансуб дониста мешавад, ки аввалин корти ӯ дар Бонк дар он кушода шудааст.

• **Рейтинги фаъолнокӣ** – рейтинги Иштирокчиён аз рӯи шумораи Амалиёти ҳисобшаванда дар тамоми давраи гузаронидани Иқдом.

• **тӯҳфа** – бурди Иштирокчӣ дар доираи Иқдом.

• **Ғолиб** – Иштирокчие, ки мувофиқи Шартҳои мазкур ҳуқуқи гирифтани тӯҳфаро ба даст овардааст.

2. ШАРТҲОИ ИШТИРОК

2.1. Иштирокчии Иқдом метавонад муштарии Бонк – шахси воқеӣ гардад, ки:

- дорандаи Корт мебошад;
- истифодабарандаи мушаххасшудаи замимабарномаи мобилии «Эсхата онлайн» мебошад.

2.2. Бақайдгирии алоҳида дар Иқдом талаб карда намешавад. Муштарие, ки ба талаботи банди 2.1 ҷавобгӯ мебошад, ҳангоми анҷом додани Амалиёти ҳисобшаванда дар давраи гузаронидани Иқдом ба таври худкор Иштирокчӣ мегардад. Бо анҷом додани Амалиёти ҳисобшаванда Иштирокчӣ розигии худро ба Шартҳои мазкур тасдиқ менамояд ва\ё инки тавассути PUSH-огоҳиномаҳо дар замимабарнома огоҳ карда мешавад.

2.3. Иштирок дар Иқдом ихтиёрӣ ва ройгон мебошад. Иқдом лотерея намебошад: иштирок дар он харидани билет, пардохти маблағ ё дигар хароҷотро ба фоидаи Бонк ғайр аз амалиёти муқаррарии Иштирокчӣ талаб намекунад.

2.4. Кормандони Бонк дар Иқдом иштирок карда наметавонанд. Агар корманди Бонк ба иштирокчиёни Иқдом бо мақсади ба даст овардани бартарии беасос ҳангоми иштирок дар Иқдом ё бурди тӯҳфа мусоидат намояд, нисбат ба чунин корманд, дар сурати мавҷуд будани асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Бонк чораҳои ҷазои интизомӣ татбиқ мегардад.

2.5. Иштирокчие, ки дар санаи муайян намудани Ғолибон дар назди Бонк қарзи мӯҳлаташ батаъхирафтода дорад, Ғолиб эътироф карда намешавад.

2.6. Маълумоти шахсии Иштирокчиён мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард карда мешавад.

3. ТАРТИБИ ГИРИФТАНИ ҲАРФҲО

3.1. Ҳарфҳо барои пардохтҳои зерин бо Корт дода мешаванд:

- харид дар мағозаҳо ва нуқтаҳои хизматрасонӣ тавассути POS-терминалҳо;
- харид дар интернет;
- пардохт бо QR - ягона (ҳангоми интихоби корт ҳамчун усули пардохт);
- пардохти хизматрасониҳо тариқи замимабарномаи мобилии “Эсхата Онлайн”: хизматрасонии мобилӣ, хизматрасонии коммуналӣ, таҳсилот (маориф), телевизион ва радио, интернет.

3.2. Маблағи ҳадди ақали Амалиёти ҳисобшаванда – **100 сомонӣ**. Маблағ бо сомонии пурра ҳисоб карда мешавад, дирамҳо ба ҳисоб гирифта намешаванд (масалан, 199 сомонию 90 дирам = 199 сомонӣ). Амалиёт бо асъори хориҷӣ аз рӯи қурби Бонк дар санаи инъикоси амалиёт дар суратҳисоб ба сомонӣ табдил дода мешавад.

3.3. Миқдори ҳарфҳо барои як Амалиёти ҳисобшаванда:

- аз 100 то 199 сомонӣ – 1 ҳарф;
- аз 200 то 499 сомонӣ – 2 ҳарф;
- аз 500 сомонӣ ва зиёда – 3 ҳарф.

3.4. Ҳарфҳои «И», «С», «Т», «Қ», «Л», «О» барои ҳар як Амалиёти ҳисобшаванда ба таври тасодуфӣ дода мешаванд. Як ҳарф метавонад якчанд маротиба такрор шавад.

3.5. Ҳарфҳо барои на бештар аз 5 (панҷ) Амалиёти ҳисобшаванда дар давоми як шабонарӯзи тақвимӣ — аз соати 00:00 то 23:59 бо вақти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда мешаванд. Амалиёти ҳисобшавандае, ки дар давраи зикршуда аз ҳадди муқаррагардида зиёд анҷом дода шудаанд, ҳангоми ҳисоб кардани ҳарфҳо ба ҳисоб гирифта намешаванд.

3.6. Барои амалиёти зерин ҳарф дода намешавад ва онҳо дар Рейтинги фаъолнокӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд:

- амалиёт ба маблағи камтар аз 100 сомонӣ;
- интиқоли маблағҳо, аз ҷумла байни суратҳисобҳо, ба ҳамёнҳои электронӣ ва аз корт ба корт (инчунин тавассути “Эсхата Онлайн”);
- гирифтани пули нақд;
- амалиётҳое, ки аз ҳадди ниҳоии рӯзонаи муқаррарнамудаи банди 3.5-и Шартҳои мазкур зиёд мебошанд.(дар Рейтинги фаъолнокӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд);

- амалиёт дар категорияҳо ва/ё нуқтаҳои савдое, ки нисбат ба онҳо Бонк маҳдудият муқаррар кардааст (банди 3.10);
- амалиёте, ки маълумот дар бораи онҳо пас аз анҷоми Давра ба низоми додани ҳарфҳо ворид шудааст (банди 3.9);
- амалиёти баргардонидашуда (бекоргардида);
- амалиёте, ки Бонк онҳоро қаллобона, бевиҷдонона ё бо вайрон кардани Шартҳои мазкур анҷомдодашуда эътироф кардааст.

3.7. Ҳангоми баргардонидан (бекор кардани) амалиёте, ки барои он ҳарф дода шудааст, Бонк ҳақ дорад ин ҳарфҳоро бекор намояд.

3.8. Додани ҳарфҳо ва ба ҳисоб гирифтани амалиёт ба таври худкор анҷом дода мешавад. Ҳар як амалиёт танҳо як маротиба ба ҳисоб гирифта мешавад.

3.9. Ҳарфҳо пас аз ворид шудани маълумот дар бораи амалиёт ба низоми ҳисобкунии ҳарфҳои «Эсхата Онлайн» ҳисоб карда мешаванд. Одатан, ҳарфҳо дар рӯзи анҷом додани амалиёт ҳисоб карда мешаванд, аммо дар ҳолатҳои алоҳида маълумот дар бораи амалиёт метавонад бо таъхири аз 1 то 3 рӯз ворид гардад, аз ҷумла бинобар муҳлатҳои коркарди он аз ҷониби низомҳои пардохтӣ, маркази протсессингӣ ё нуқтаҳои савдо, ҳатто агар амалиёт аллакай дар суратҳисоби Иштирокчӣ инъикос ёфта бошад. Ҳангоми таъхири ворид шудани маълумот, ҳарфҳо пас аз аз ҷониби Бонк гирифтани он, вале на дертар аз се рӯзи корӣ аз лаҳзаи барқарор гардидани имконияти коркарди маълумоти дахлдор, агар таъхир бо ҳолатҳои техникӣ вобаста бошад, ҳисоб карда мешаванд. Амалиёт дар даврае ба ҳисоб гирифта мешавад, ки дар он анҷом дода шудааст, ба шарте ки маълумот дар бораи он то анҷоми муайян намудани ғолибони давраи дахлдор (соати 23:59:59-и рӯзи охирини Давра) ба низоми ҳисобкунии ҳарфҳо ворид шуда бошад. Агар маълумот пас аз анҷоми муайян намудани ғолибони Давра ворид гардад, амалиёт ҳангоми муайян намудани ғолибон ва ташаккули Рейтинги фаъолнокӣ дар доираи ҳамон давра ба ҳисоб гирифта намешавад ва барои иштирок дар он Давра аз рӯи чунин амалиёт ҳарфҳо ҳисоб карда намешаванд. Сана ва вақти ворид шудани маълумот дар бораи амалиёт дар асоси маълумоти Бонк муайян карда мешаванд. Худи таъхири ворид шудани маълумот дар бораи амалиёт барои пешниҳоди даъво ба Бонк асос шуда наметавонад.

3.10. Бонк ҳуқуқ дорад нисбат ба намудҳои алоҳидаи амалиёт, категорияҳо ва/ё нуқтаҳои савдо (аз ҷумла аз рӯи рамзҳои категорияҳои нуқтаҳои савдо – MCC) маҳдудиятҳо муқаррар намояд. Амалиёте, ки ба чунин маҳдудиятҳо дохил мешаванд, ҳангоми ҳисоб кардани ҳарфҳо ва дар Рейтинги фаъолнокӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд. Рӯйхати маҳдудиятҳо ва тағйироти он дар сомонаи расмӣ ва барномаи мобилии Бонк ҷойгир карда мешаванд.

3.11. Дар “Эсхата Онлайн” бахши Иқдом дастрас аст, ки дар он Иштирокчӣ ҳарфҳои ҷамъовардашуда ва боқимонда, инчунин ҷойи худро дар Рейтинги фаъолнокӣ мебинад.

4. МӮҲЛАТИ ГУЗАРОНИДАН ВА ФОНДИ ТӮҲФАВИИ ИҚДОМ

4.1. Давраи гузаронидани Иқдом: **аз 01.11.2026 то 31.01.2027 (эътиборан)** (бо вақти Душанбе). Иқдом дар 3 (се) давра гузаронида мешавад:

Давраҳо	**Муҳлатҳо**	**Муайян намудани Ғолибон**	**Тӯҳфаҳо**
Давраи 1	аз 01.11.2026 то 30.11.2026 (эътиборан)	10.12.2026	4 × iPad Pro 13
Давраи 2	аз 01.12.2026 то 31.12.2026 (эътиборан)	10.01.2027	4 × iPad Pro 13

Давраҳо	Муҳлатҳо	Муайян намудани Ғолибон	Тӯҳфаҳо
Давраи 3	аз 01.01.2027 то 31.01.2027 (эътиборан)	10.02.2027	4 × iPhone 18 Pro Max (аз рӯи натиҷаҳои тамоми давраи Иқдом) 4 × iPad Pro 13
Ҳамагӣ	**Аз 01.11.2026 – 31.01.2027 (эътиборан)**		**12 × iPad Pro 13** **4 × iPhone 18 Pro Max**

4.2. Дар анҷоми ҳар як Давра (соати 23:59:59-и рӯзи охирини Давра) натиҷаҳои Иштирокчиён сабт карда мешаванд. Пас аз муайян намудани ғолибони давра ҳарфҳои дигар Иштирокчиён сифр карда мешаванд ва дар Давраи навбатӣ ҷамъоварии ҳарфҳо аз нав оғоз мегардад.

4.3. Рейтинги фаъолнокӣ бекор карда намешавад: Амалиёти ҳисобшаванда дар давоми ҳамаи Давраҳо ба таври ҷамъшаванда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

5. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҒОЛИБОН

5.1. Тӯҳфаи Давра – iPad Pro 13. Пас аз анҷоми давра Иштирокчие, ки калимаи бурднокӣ «ИСТИҚЛОЛ»-ро пурра ҷамъоварда ҳисобида шуда, ғолиби давра дар минтақаи дахлдор эътироф карда мешавад.

5.2. Дар давоми як даври иқдом 4 (чор) иштирокчи ғолиби давра дар минтақаи дахлдор эътироф карда мешавад.

5.3. Ҳангоми таъйини ғолибон иштирокчиёне ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки ба Шартҳои мазкур ҷавобгӯ мебошанд, дар назди Бонк қарзи мӯҳлаташ батаъхирафтода надоранд ва қаблан ғолиби давра нагардидаанд.

5.4. Ғолиби давра дар муайян намудани Ғолибони давраҳои минбаъда иштирок намекунад (iPad Pro 13-ро дар тамоми давраи Иқдом танҳо як маротиба бурдан мумкин аст), вале иштирокро дар Рейтинги фаъолнокӣ идома медиҳад ва метавонад тӯҳфаи асосиро гирад.

5.5. Тӯҳфаи асосӣ – iPhone 18 Pro Max. Аз рӯи натиҷаи тамоми давраи иқдом 4 (чор) иштирокчие, ки дар Рейтинги фаъолнокӣ ҷойи 1-ро дар минтақаи дахлдор ишғол кардаанд, ғолиб эътироф карда мешаванд. Дар сурати баробар будани шумораи амалиёти ҳисобшаванда, ҷойи баландтар ба Иштирокчие дода мешавад, ки маблағи умумии амалиёти ҳисобшавандаи ӯ дар тамоми давраи Иқдом зиёдтар аст.

5.6. Додани ҳарфҳо ба таври худкор тавассути барномаи махсуси Бонк дар асоси принсипи интихоби тасодуфӣ анҷом дода мешаванд. Бонк усулҳо ва алгоритмҳоеро, ки имкон медиҳанд натиҷа пешакӣ пешгӯӣ карда шавад ё ба он ба манфиати Иштирокчии муайян таъсир расонида шавад, истифода намебарад.

5.7. Натиҷаҳои ҳар як давраро Комиссияи Бонк, ки ҳайати он аз ҷониби Раиси Раёсати Бонк тасдиқ карда мешавад, ҷамъбаст менамояд. Натиҷаҳои ҷамъбаст бо протоколи Комиссия ба расмият дароварда мешаванд.

5.8. Андозбандии арзиши тӯҳфаҳо мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

6. СУПОРИДАНИ ТӮҲФАҲО

6.1. Бонк ғолибро дар бораи бурд тавассути занги телефонӣ ва/ё дигар воситаҳои алоқа (SMS, push-огоҳинома дар "Эсхата Онлайн") огоҳ менамояд.

6.2. Тӯҳфаҳо дар давоми 10 (даҳ) рӯз аз санаи муайян намудани ғолибон супорида мешаванд. Ҷой ва вақти супоридани тӯҳфаро Бонк ҳангоми огоҳонӣ ба ғолиб хабар медиҳад.

6.3. Барои гирифтани тӯҳфа ғолиб ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро (намоянда – ваколатномаро) пешниҳод намуда, гирифтани тӯҳфаро дар шакли хаттӣ тасдиқ менамояд.

6.4. Агар ғолиб дар дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ пас аз огоҳ карданион барои гирифтани тӯҳфа ҳозир нашавад ё тавассути маълумоти тамоси дар Бонк мавҷудбуда бо ӯ тамос гирифтан имконнопазир бошад, ӯ ҳуқуқи гирифтани тӯҳфаро аз даст медиҳад. Муодили пулии тӯҳфа пардохт карда намешавад.

6.5. Туҳфаи супорида нашуда бо қарори Комиссия: iPad Pro 13 – ба тӯҳфаҳои давраи навбатӣ дар ҳамон Минтақа илова карда мешавад (аз рӯи натиҷаи Давраи 3 – дар ихтиёри Бонк боқӣ мемонад); iPhone 18 Pro Max – ба Иштирокчие дода мешавад, ки дар Рейтинги фаъолнокӣ ҷойи навбатиро ишғол кардааст.

6.6. Натиҷаҳои Иқдом дар сомонаи расмии Бонк ва/ё шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои ахбори омма дар давоми ду ҳафта пас аз супоридани тӯҳфаҳо ба ғолибон нашр карда мешаванд.

7. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ТАШКИЛОТЧӢ ВА ИШТИРОКЧИЁН

7.1. Бонк ҳуқуқ дорад:

- ҳангоми ошкор намудани сӯиистифода, қаллобӣ ё вайрон кардани Шартҳои мазкур ҳарфҳои додашударо бекор намояд, аз додани тӯҳфа даст кашад ва Иштирокчиро аз Иқдом хориҷ намояд;
- бо розигии хаттии Ғолибон бо мақсадҳои таблиғотӣ ном ва насаби онҳоро (бе зикри рақами телефон ва дигар маълумоти шахсӣ) нашр намояд, аксбардорӣ ва наворгирӣ гузаронад ва маводро дар сомонаи расмии Бонк, ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгир намояд;
- шартҳои Иқдомро тағйир диҳад. Тағйиротҳо на дертар аз 3 (се) рӯзи тақвимӣ пеш аз эътибор пайдо карданашон дар сомонаи расмии Бонк ва/ё дар замимабарномаи мобилии "Эсхата Онлайн" нашр карда мешаванд;
- Иқдомро боздорад ё пеш аз мӯҳлат қатъ намояд, бо ҷойгир кардани иттилоот дар сомонаи расмии Бонк ва/ё ВАО на дертар аз 3 (се) рӯзи тақвимӣ пеш аз қатънамоӣ. Ҳангоми пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани Иқдом муайян намудани ғолибон минбаъд гузаронида намешавад.

7.2. Бонк уҳдадор аст:

- Шартҳои мазкурро дар сомонаи расмии худ ҷойгир намояд;
- ба ҳисоб гирифтани дурусти амалиёт ва додани ҳарфҳоро таъмин намояд;
- Тӯҳфаҳоро ба ғолибон бо тартиби муқаррарнамудаи боби 6 супорад.

7.3. Иштирокчӣ уҳдадор аст:

- дар Иқдом бовиҷдонона ва бо мақсадҳои шахсӣ иштирок намояд;
- амалиётеро, ки барои ба таври сунъӣ гирифтани ҳарфҳо бар хилофи Шартҳои мазкур равона шудаанд, анҷом надиҳад;
- Шартҳои мазкурро риоя намояд.

7.4. Бонк барои шинос нашудани Иштирокчӣ бо Шартҳои мазкур, сари вақт нагирифтани тӯҳфа бо гуноҳи Иштирокчӣ, инчунин барои дигар ҳолатҳое, ки ба Бонк вобаста нестанд, ҷавобгар намебошад.

8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

8.1. Назорат аз болои иҷроиши шартҳои гузаронидани Иқдоми мазкур, тартиби дуруст муайян ва пешниҳод кардани бурдҳо, саривақт ва пурра супоридани тӯҳфаҳо ва риояи дигар муқаррароти Шартҳои мазкур ва қонунгузории амалкунанда ба зиммаи Ташкилотчӣ гузошта мешавад.

8.2. Масъалаҳое, ки дар Шартҳои мазкур пешбинӣ нашудаанд, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомнома оид ба гузаронидани иқдоми «Калима соз» дар ҶСК «Бонки Эсхата» танзим карда мешаванд.

8.3. Ташкилотчӣ барои риоя накардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботи Шартҳои мазкур дар давраи гузаронидан ва ҷамъбасти Иқдом ҷавобгар мебошад.

8.4. Ҳангоми ташкил ва гузаронидани Иқдом аз ҷониби Ташкилотчӣ фаъолияте, ки дар Қоидаҳои гузаронидани лотереяҳои электронӣ, ки бо фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2021, №48 тасдиқ гардидааст, пешбинӣ шудааст, ҳангоми мавҷуд будани яке аз аломатҳои зерин қатъиян роҳ дода намешавад:

- гузаронидани бозиҳои қиморӣ дар шакли лотерея;
- гузаронидани лотереяҳо бо истифодаи таҷҳизоти бозиҳои казино, аз он ҷумла автоматҳои бозӣ;
- паҳн намудани (фурӯхтани) билетҳои лотереяи ғайритиражӣ бо истифода аз шабакаҳои иттилоотӣ, телекоммуникатсионӣ, компютерӣ ва дигар таҷҳизоти электронӣ;
- дар серверҳо истифода намудани алгоритмҳое, ки пеш аз оғози бурди фонди тӯҳфавӣмуайян намудани натиҷаи чунин бозиро имконпазир мегардонанд.

8.5. Ташкилотчии Иқдом ҳангоми анҷом додани фаъолият бояд талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»-ро риоя намояд.

8.6. Баҳсҳои байни Иштирокчиён ва Ташкилотчӣ бо роҳи музокирот тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд. Дар сурати ба мувофиқа наомадани тарафҳо баҳс аз ҷониби мақомоти судӣ баррасӣ карда мешавад.

8.7. Масъулияти риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ташкил ва гузаронидани Иқдом ба зиммаи Ташкилотчӣ вогузор карда мешавад.

8.8. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти Ташкилотчӣ, ки ба талаботи Шартҳои мазкур мутобиқ нест, масъул намебошад.